**(таҳрири Қонуни ҶТ аз 15.03.2023 № 1963 3 моҳ пас аз интишорӣ расмӣ мавриди амал қарор дода мешавад)**

**(таҳрири Қонуни ҶТ аз 15.03.2023 № 1964 1 моҳ пас аз интишорӣ расмӣ мавриди амал қарор дода мешавад)**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ДАР БОРАИ БОҶИ ДАВЛАТӢ

**(Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2004, №2, мод.51; с.2005, №12, мод.630; с.2006, №12, мод.541; с.2008, №6, мод.460, №12, қ.2, мод.1000; с.2009, №3, мод.88; с.2010, №1, мод.8, мод.10, №12, қ.1, мод.823; с.2012, №12, қ.1, мод.999; с.2013, №3, мод.190; с.2014, №7, қ.2, мод.408; с.2015, №11, мод.968, мод.969, мод.970; с,2016, №5, мод.368; с.2019, №4-5, мод.231; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 январи соли 2020, №1680)**

(Қонуни ҶТ аз 26.12.2005 № 115, аз 2.12.2006 № 217, аз 18.06.2008 № 402, аз 31.12.2008 № 466, аз 26.03.2009 № 495, аз 12.01.2010 № 584, № 586, аз 29.12.2010 № 664, аз 28.12.2012 № 905, аз 19.03.2013 № 947, аз 26.07.2014 № 1111, аз 23.11.2015 № 1247, № 1248, № 1249, аз 14.05.2016 № 1317, аз 04.04.2019 № 1603, аз 02.01.2020 № 1680, аз 04.07.2020 № 1709, аз 15.03.2023 № 1963, № 1964)

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи боҷи давлатӣ" тартиби аз шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ситонидани боҷи давлатиро муқаррар ва танзим менамояд.

## Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

- **боҷи давлатӣ** - пардохти ҳатмӣ барои анҷом додани амалиёти дорои аҳамияти ҳуқуқӣ ё додани ҳуҷҷатҳо аз ҷониби мақомоти ваколатдоршуда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- **супорандагони боҷи давлатӣ** - шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие мебошанд, ки барои анҷом додани амалиёти аҳамияти ҳуқуқӣ дошта ва додани ҳуҷҷатҳо ба мақомоти ваколатдор, ки боҷи давлатиро меситонад, муроҷиат мекунанд;

- **мақоми ваколатдори давлатӣ** - мақоми иҷроияи марказии ҳокимияти давлатие, ки барои назорати воридоти андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ваколатдор карда шудааст (*Қонуни ҶТ аз 19.03.2013 № 947*);

- **мақомоте, ки боҷи давлатиро меситонанд** - мақомоте, ки мувофиқи ҳамин Қонун, дигар қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ситонидани боҷи давлатӣ ваколатдор карда шудаанд.

## Моддаи 2. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи боҷи давлатӣ

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи боҷи давлатӣ ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз ҳамин Қонун, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф намудааст, иборат мебошад (*Қонуни ҶТ аз 02.01.2020 № 1680*).

## Моддаи 3. Объектҳои ситонидани боҷи давлатӣ

Боҷи давлатӣ ситонида мешавад:

- аз аризаҳои даъвогӣ, аризаҳо (шикоятҳо, шикоятҳои кассатсионӣ ва назоратӣ), ки ба судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мешаванд (*Қонуни ҶТ аз 28.12.2012 № 905*);

- барои анҷом додани амалиётҳои дорои аҳамияти ҳуқуқӣ дар мақомоти адлия, мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба дин (*Қонуни ҶТ аз 12.01.2010 № 586, аз 29.12.2010 № 664, аз 02.01.2020 № 1680)*;

- барои анҷом додани амалиёти нотариалӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- барои бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- барои баррасӣ ва додани ҳуҷҷатҳое, ки бо гирифтани шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ё баромадан аз шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқаманданд;

- барои анҷом додани дигар амалиётҳои дорои аҳамияти ҳуқуқӣ, ки ҳамин Қонун муайян мекунад.

## Моддаи 4. Андозаи боҷи давлатӣ

*(Қонуни ҶТ аз 16.12.2005 № 115)*

1. Оид ба парвандаҳое, ки Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ менамояд, боҷи давлатӣ ба андозаи зерин ситонида мешавад:

1) аз дархости шахсони воқеӣ - ба андозаи яккаратаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо *(Қонуни ҶТ аз 18.06.2008 № 402)*;

2) аз пешниҳоди мақомоти давлатӣ, шахсони мансабдор ва шахсони ҳуқуқӣ - ба андозаи даҳкаратаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо *(Қонуни ҶТ аз 18.06.2008 № 402)*.

2. Оид ба парвандаҳое, ки дар судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ мешаванд, боҷи давлатӣ ба андозаҳои зерин ситонида мешавад:

1) аз аризаҳои даъвогии дорои хусусияти молумулки аз рӯи нархи даъво:

то 50 нишондиҳанда барои ҳисобҳо - 3% аз нархи даъво *(Қонуни ҶТ аз 18.06.2008 № 402)*;

зиёда аз 50 то 100 нишондиҳанда барои ҳисобҳо - 2% аз нархи даъво *Қонуни ҶТ аз 18.06.2008 № 402)*;

зиёда аз 100 то 500 нишондиҳанда барои ҳисобҳо - 0,7% аз нархи даъво *(Қонуни ҶТ аз 18.06.2008 № 402)*;

зиёда аз 500 нишондиҳанда барои ҳисобҳо - 0,5 % аз нархи даъво *(Қонуни ҶТ аз 18.06.2008 № 402)*;

2) аз аризаҳои даъвогии дорои хусусияти ғайримолумулкӣ, ки мавзуи онҳо нархгузорӣ карда намешаванд (*Қонуни ҶТ аз 15.03.2023 № 1964*):

барои шахсони воқеӣ - 5% аз нишондиҳанда барои ҳисобҳо *(Қонуни ҶТ аз 18.06.2008 № 402)*;

барои шахсони ҳуқуқӣ - ба андозаи дукаратаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо *(Қонуни ҶТ аз 18.06.2008 № 402)*;

3) аз аризаҳои даъвогӣ дар бораи озод намудани молу мулк аз ҳабс боҷ аз рӯи нархи даъво мутобиқи банди 1 ҳамин қисм муайян карда мешавад (*Қонуни ҶТ аз 15.03.2023 № 1964*);

4) аз аризаҳои даъвогӣ оид ба баҳсҳои пеш аз шартномавӣ - ба андозаи яккаратаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо *(Қонуни ҶТ аз 18.06.2008 № 402)*.

3. Аз аризаҳои даъвогӣ, ки ба судҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешаванд, боҷи давлатӣ ба андозаҳои зерин ситонида мешавад:

1) аз аризаҳои даъвогии дорои хусусияти молумулкӣ - 2 % аз нархи даъво;

2) аз аризаҳои даъвогӣ оид ба баҳсҳое, ки ҳангоми бастан, тағйир додан ё бекор кардани шартномаҳо ба амал меоянд ва оид ба баҳсҳо дар бораи беэътибор донистани аҳдҳо - андозаи дукаратаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо *(Қонуни ҶТ аз 18.06.2008 № 402)*;

3) аз аризаҳои даъвогӣ дар бораи (пурра ё қисман) беэътибор донистани санадҳои ғайримеъёрии мақомоти давлатӣ:

барои шахсони воқеӣ - ба андозаи дукаратаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо *(Қонуни ҶТ аз 18.06.2008 № 402)*;

барои шахсони ҳуқуқӣ - ба андозаи даҳкаратаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо *(Қонуни ҶТ аз 18.06.2008 № 402)*;

4) аз аризаҳои даъвогии дигар, ки хусусияти молумулкӣ надоранд, аз ҷумла аз аризаҳо дар бораи эътирофи ҳуқуқ маҷбур намудан ҷиҳати иҷрои ӯҳдадориҳо дар шакли асл - ба андозаи яккаратаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо *(Қонуни ҶТ аз 18.06.2008 № 402)*;

5) аз аризаҳо дар бораи муфлис эътироф гардидани шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ:

барои шахсони ҳуқуқӣ - ба андозаи даҳкаратаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо *(Қонуни ҶТ аз 18.06.2008 № 402)*;

барои соҳибкорони инфиродӣ - ба андозаи яккаратаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо *(Қонуни ҶТ аз 18.06.2008 № 402)*;

6) аз аризаҳо дар бораи муқаррар намудани далелҳое, ки аҳамияти ҳуқуқӣ доранд - ба андозаи секаратаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо *(Қонуни ҶТ аз 18.06.2008 № 402)*;

7) аз аризаҳо дар бораи ба парванда ворид гардидани шахсони сеюм, ки нисбат ба мавзуи баҳс талаботи мустақили худро пешниҳод менамоянд, ки мутобиқи андозаи боҷи давлатӣ, ки барои аризаи даъвогии дорои хусусияти ғайримолумулкӣ пешбинӣ шудааст, нисбати баҳсҳои дорои хусусияти молумулкӣ - тибқи тартиби муқарраршнамудаи банди якуми ҳамин қисм, ки аз андозаи маблағи баҳсшаванда барои шахсони сеюм ҳисоб карда мешавад (*Қонуни ҶТ аз 15.03.2023 № 1964*);

8) аз шикоятҳои кассатсионӣ ва назорати нисбати ҳалнома ва карорҳои суди иқтисодӣ ва ҳамчунин нисбати таъинот дар бораи қатъ намудани истеҳсоли парванда, бе баррасӣ мондани даъво, дар бораи таъини ҷаримаҳои судӣ, рад кардан ва додани варақаи иҷро - 50% аз андозаи боҷи давлатӣ, ки ҳангоми додани аризаи даъвогӣ ситонида мешавад (*Қонуни ҶТ аз 28.12.2012 № 905*).

4. Барои аризаи даъвогие, ки ҳамзамон дорои хусусияти молумулкӣ ва ғайримолумулкӣ мебошад, дар як вақт боҷи давлатӣ барои аризаи даъвогии дорои хусусияти молумулкӣ ва ғайримолумулкӣ муқарраргардида ситонида мешавад.

5. Барои анҷом додани амалҳои дорои аҳамияти ҳуқуқӣ дар мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба дин боҷи давлатӣ ба андозаи зерин ситонида мешавад (*Қонуни ҶТ аз 29.12.2010 № 664, аз 02.01.2020 № 1680*):

1) барои бақайдгирии давлатии ташкилотҳои динии ҷумҳуриявӣ - ба андозаи 30 нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

2) барои бақайдгирии давлатии ташкилотҳои динии ноҳиявӣ ё шаҳрӣ - ба андозаи 25 нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

3) барои азнавбақайдгирии ташкилотҳои динӣ ба андозаи 5 нишондиҳанда барои ҳисобҳо (*Қонуни ҶТ аз 29.12.2010 № 664*).

6. Барои анҷом додани амалҳои дорои аҳамияти ҳуқуқӣ дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти он боҷи давлатӣ ба андозаи зерин ситонида мешавад (*Қонуни ҶТ аз 12.01.2010 № 586*):

1) барои бақайдгирии давлатии иттиҳодияҳои ҷамъиятии байналмилалӣ ва қайди баҳисобгирии филиалу намояндагиҳои онҳо - ба андозаи 100 нишондиҳанда барои ҳисобҳо (*Қонуни ҶТ аз 26.07.2014 № 1111*);

2) барои бақайдгирии давлатии иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷумҳуриявӣ - ба андозаи 10 нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

3) барои бақайдгирии давлатии иттиҳодияҳои ҷамъиятии маҳаллӣ - ба андозаи 5 нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

4) барои қайди баҳисобгирии филиалу намояндагиҳои иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ - ба андозаи 5 нишондиҳанда барои ҳисобҳо (*Қонуни ҶТ аз 26.07.2014 № 1111*);

5) барои додани шаҳодатнома дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба ҳуҷҷатҳои таъсисии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ (азнавбақайдгирӣ) новобаста ба мақоми онҳо ва филиалу намояндагиҳои иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ба андозаи 50 фоизи боҷи давлатӣ, ки барои бақайдгирӣ ситонида мешавад (*Қонуни ҶТ аз 29.12.2010 № 664*);

6) барои бақайдгирии давлатии ҳизбҳои сиёсӣ - ба андозаи 50 нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

7) барои додани нусхаи тасдиққардашудаи (дубликати) шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ - ба андозаи 50 фоизи боҷи давлатӣ, ки барои бақайдгирии таъсисёбии субъект пешбинӣ карда шудааст;

8) барои додани иқтибос аз Феҳрист дар бораи барҳамдиҳии иттиҳодияи ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва қатъи фаъолияти филиалу намояндагиҳои онҳо - ба андозаи 50 фоизи нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

9) барои додани шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии созишномаҳои консессионӣ - ба андозаи 5 нишондиҳанда барои ҳисобҳо (*Қонуни ҶТ аз 12.01.2010 № 586, аз 04.07.2020 № 1709*);

10) барои бақайдгирии давлатии Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон - ба андозаи 15 нишондиҳанда барои ҳисобҳо (*Қонуни ҶТ аз 14.05.2016 № 1317*);

11) барои бақайдгирии давлатии мақомоти минтақавии Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон - ба андозаи 10 нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

12) барои бақайдгирии бюрои адвокатӣ - ба андозаи 8 нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

13) барои азнавбақайдгирии бюрои адвокатӣ - ба андозаи 4 нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

14) барои барҳамдиҳии бюрои адвокатӣ - ба андозаи 4 нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

15) барои бақайдгирии коллегияи адвокатҳо - ба андозаи 6 нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

16) барои азнавбақайдгирии коллегияи адвокатҳо - ба андозаи 3 нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

17) барои барҳамдиҳии коллегияи адвокатҳо - ба андозаи 3 нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

18) барои бақайдгирии маслиҳатхонаи ҳуқуқӣ - ба андозаи 3 нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

19) барои азнавбақайдгирии маслиҳатхонаи ҳуқуқӣ - ба андозаи 1,5 нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

20) барои барҳамдиҳии маслиҳатхонаи ҳуқуқӣ - ба андозаи 1,5 нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

21) барои бақайдгирии кабинети адвокатӣ - ба андозаи 2 нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

22) барои азнавбақайдгирии кабинети адвокатӣ - ба андозаи 1 нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

23) барои барҳамдиҳии кабинети адвокатӣ - ба андозаи 1 нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

24) барои ворид намудан ба Феҳристи махсуси адвокатҳои давлатҳои хориҷӣ - ба андозаи 10 нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

25) барои гирифтани иқтибос аз Феҳристи ягонаи адвокатӣ - ба андозаи 1 нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

26) барои гирифтани иқтибос аз Феҳристи ягонаи ташкилотҳои адвокатӣ - ба андозаи 1 нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

27) барои гирифтани иқтибос аз Феҳристи махсуси адвокатҳои давлатҳои хориҷӣ - ба андозаи 1 нишондиҳанда барои ҳисобҳо (*Қонуни ҶТ аз 14.05.2016 № 1317*);

28) барои додани нусхаи тасдиққардашудаи (дубликати) шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии ташкилотҳои адвокатӣ - ба андозаи 50 фоизи боҷи давлатӣ, ки барои бақайдгирии таъсисёбии субъект пешбинӣ карда шудааст (*Қонуни ҶТ аз 15.03.2023 № 1964*).

7. Барои анҷом додани амалиётҳои нотариалӣ боҷи давлатӣ ба андозаи зерин ситонида мешавад:

1) барои тасдиқ намудани шартномаҳои аз соҳибӣ соқит кардан (хариду фурӯш, ҳадя, иваз ва ғайра) ва додани шаҳодатнома дар бораи ҳуқуқи мерос ба молу мулки ғайриманқул (ҳавлиҳои истиқоматӣ, хонаҳо, бӯстонсаройҳо, иншоот ва молу мулки дигари ғайриманқул ё қисми онҳо), ба истиснои ниҳолҳои бисёрсола ва молу мулки ғайриманқули дигаре, ки тасдиқи он тибқи банди 6) қисми мазкур ба амал баровporda мешавад, барои як метри мураббаи масоҳати умумӣ ба андозаи *(Қонуни ҶТ аз 26.03.2009 № 495)*:

а) барои фарзандон, аз ҷумла фарзандхонд, ҳамсар, падару модар дар (*Қонуни ҶТ аз 23.11.2015 № 1248*):

- шаҳри Душанбе - 10 % нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

- шаҳри Хуҷанд - 7 % нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

- шаҳрҳои Бохтар, Кӯлоб ва Хоруғ - 5 % нишондиҳанда барои ҳисобҳо (*Қонуни ҶТ аз 15.03.2023 № 1964*);

- дигар шаҳрҳо ва шаҳракҳо - 2 % нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

- деҳот - 1 % нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

б) барои бародарон, хоҳарон, наберaҳо, бобо, бибӣ дар:

- шаҳри Душанбе - 20 % нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

- шаҳри Хуҷанд - 15 % нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

- шаҳрҳои Бохтар, Кӯлоб ва Хоруғ - 10 % нишондиҳанда барои ҳисобҳо (*Қонуни ҶТ аз 15.03.2023 № 1964*);

- дигар шаҳрҳо ва шаҳракҳо - 5 % нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

- деҳот - 2 % нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

в) барои дигар шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар:

- шаҳри Душанбе - 40 % нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

- шаҳри Хуҷанд - 30 % нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

- шаҳрҳои Бохтар, Кӯлоб ва Хоруғ - 20 % нишондиҳанда барои ҳисобҳо (*Қонуни ҶТ аз 15.03.2023 № 1964*);

- дигар шаҳрҳо ва шаҳракҳо - 10 % нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

- деҳот - 5 % нишондиҳанда барои ҳисобҳо *(Қонуни ҶТ аз 18.06.2008 № 402);*

2) барои тасдиқи шартномаҳои аз соҳибӣ соқит кардани (хариду фурӯш, ҳадя, иваз ва ғайра) воситаҳои нақлиёт ба андозаи ду нишондиҳанда барои ҳисобҳо *(Қонуни ҶТ аз 18.06.2008 № 402);*

3) барои тасдиқи шартномаҳои гарав - ба андозаи яккаратаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо *(Қонуни ҶТ аз 18.06.2008 № 402)*;

4) барои тасдиқи шартномаҳои иҷораи молиявӣ (лизинг) ба андозаи 50 % нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

- барои тасдиқи шартномаҳои иҷора ва қарз ба андозаи як нишондиҳанда барои ҳисобҳо *Қонуни ҶТ аз 18.06.2008 № 402);*

5) барои тасдиқи шартномаҳои замонат - ба андозаи яккаратаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо *(Қонуни ҶТ аз 18.06.2008 № 402)*;

6) барои тасдиқи шартномаҳои дигаре, ки мавзуи онҳо нархгузорӣ карда намешавад, - ба андозаи 1 нишондиҳанда барои ҳисобҳо ва барои тасдиқи шартномаҳои дигаре, ки мавзуи онҳо нархгузорӣ карда мешавад, ба истиснои банди 4) ҳамин қисм - ба андозаи 1 фоиз аз маблағи шартнома, вале на кам аз 1 нишондиҳанда барои ҳисобҳо (*Қонуни ҶТ аз 12.01.2010 № 586, аз 15.03.2023 № 1964*);

7) барои тасдиқи васиятномаҳо - 20% аз нишондиҳанда барои ҳисобҳо *(Қонуни ҶТ аз 18.06.2008 № 402)*;

8) барои додани шаҳодатнома дар бораи ҳуқуқи моликият - ба андозаи дукаратаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо *(Қонуни ҶТ аз 18.06.2008 № 402)*;

9) барои додани шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос, ба истиснои молу мулки ғайриманқуле, ки дар банди 1) қисми шашуми моддаи мазкур пешбинӣ шудааст *(Қонуни ҶТ аз 26.03.2009 № 495)*:

ба меросхӯрони навбати аввал - 0,5% аз маблағи мерос;

ба меросхӯрони навбати дуюм - 1% аз маблағи мерос;

ба меросхӯрони навбати сеюм - 1,5% аз маблағи мерос;

ба меросхӯрони дигар - 2 % аз маблағи мерос;

10) барои додани шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос нисбати молу мулки дар хориҷа буда, ҳангоми муайян намудани арзиши ниҳоии молу мулки мерос, ки пардохти он бояд дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат гирад (*Қонуни ҶТ аз 15.03.2023 № 1964*):

барои меросхӯрони навбати аввал - 1% аз маблағи мерос;

барои меросхӯрони навбати дуюм - 1,5% аз маблағи мерос;

барои меросхӯрони навбати сеюм - 2% аз маблағи мерос;

барои меросхӯрони дигар - 3% аз маблағи мерос;

11) барои чорабиниҳо оид ба ҳифзи молу мулки меросӣ - ба андозаи яккаратаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо *(Қонуни ҶТ аз 18.06.2008 № 402, аз 15.03.2023 № 1964)*;

12) барои тасдиқи ваколатномаҳои ҳуқуқи истифода ва (ё) ихтиёрдории молу мулк (ба истиснои банди 13 ҳамин қисм) (*Қонуни ҶТ аз 15.03.2023 № 1964*):

барои фарзандон, аз ҷумла барои фарзандхонд, ҳамсар, падару модар - 25% аз нишондиҳанда барои ҳисобҳо *(Қонуни ҶТ аз 18.06.2008 № 402, аз 23.11.2015 № 1248)*;

барои бародарон, хоҳарон, набераҳо, бобо, биби - 50% аз нишондиҳанда барои ҳисобҳо *(Қонуни ҶТ аз 18.06.2008 № 402)*;

барои дигар шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ - ба андозаи яккаратаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо *(Қонуни ҶТ аз 18.06.2008 № 402)*;

13) барои тасдиқи ваколатномаҳои ҳуқуқи истифода ва (ё) ихтиёрдории воситаҳои нақлиёти автомобилӣ:

барои фарзандон, аз ҷумла барои фарзандхонд, ҳамсар, падару модар - 25% аз нишондиҳанда барои ҳисобҳо *(Қонуни ҶТ аз 18.06.2008 № 402, аз 23.11.2015 № 1248)*;

барои бародарон, хоҳарон, набераҳо, бобо, биби - 50% аз нишондиҳанда барои ҳисобҳо *(Қонуни ҶТ аз 18.06.2008 № 402)*;

- барои дигар шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҷиҳати тасдиқи ваколатномаҳои ҳуқуқи истифодаи воситаҳои нақлиёти автомобилӣ ба андозаи дукаратаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо ва барои ҳуқуқи ихтиёрдории онҳо - ба андозаи понздаҳкаратаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо (*Қонуни ҶТ аз 23.11.2015 № 1249*).

14) барои тасдиқи уҳдадориҳо, розигиҳо ва ваколатномаҳои дигар - 20% аз нишондиҳанда барои ҳисобҳо *(Қонуни ҶТ аз 18.06.2008 № 402, аз 15.03.2023 № 1964)*;

15) барои тасдиқи саҳеҳии тарҷумаи ҳуҷҷат аз як забон ба забони дигар - 5% аз нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои ҳар як саҳифаи ҳуҷҷати тарҷумашуда *(Қонуни ҶТ аз 18.06.2008 № 402, аз 19.03.2013 № 947)*;

16) барои эътироз оид ба пардохт нашудани вексел, ғайриаксепт будани он, набудани санаи аксепт ва барои тасдиқи напардохтани чек - 1% аз маблағи пардохтнагардида;

17) барои нигоҳдории ҳуҷҷатҳо - 5% аз нишондиҳанда барои ҳисобҳо *(Қонуни ҶТ аз 18.06.2008 № 402)*;

18) барои дурустии тасдиқи нусхаи ҳуҷҷатҳо, ки дар парвандаҳои идораҳои нотариалии давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ, муассисаҳои консулӣ нигоҳ дошта мешаванд ва ҳамчунин иқтибоси ҳуҷҷатҳо - 2% аз нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои нусхабардории ҳар саҳифаи ҳуҷҷат ё иқтибос аз онҳо *(Қонуни ҶТ аз 18.06.2008 № 402)*;

19) барои дурустии тасдиқи нусхаҳои ҳуҷҷатҳои дигар ва барои тасдиқи иқтибоси ҳуҷҷатҳо (ба ғайр аз ҳуҷҷатҳои дар банди 18 ҳамин қисм нишондодашуда) - 2% аз нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои ҳар як саҳифа *(Қонуни ҶТ аз 18.06.2008 № 402)*;

20) барои тасдиқи асли имзо:

дар ариза ва дигар ҳуҷҷатҳо (ба истиснои варақаҳои бонкӣ) - 3% аз нишондиҳанда барои ҳисобҳо *(Қонуни ҶТ аз 18.06.2008 № 402)*;

дар варақаҳои бонкӣ (барои ҳар як имзо ба ҳар як варақа) - 3% аз нишондиҳанда барои ҳисобҳо *(Қонуни ҶТ аз 18.06.2008 № 402)*;

21) барои додани шаҳодатнома дар бораи ҳуқуқи моликият ба қисми молу мулк, ки моликияти умумии зану шавҳар мебошад ва дар давраи заношӯӣ ҷамъ кардаанд, аз ҷумла дар бораи додани шаҳодатномаи ҳуқуқи моликият дар ҳолати вафот кардани яке аз ҳамсарон - 10% аз нишондиҳанда барои ҳисобҳо *(Қонуни ҶТ аз 18.06.2008 № 402, аз 15.03.2023 № 1964)*;

22) барои додани нусхаи такрории ҳуҷҷатҳое, ки дар идораи нотариалии давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ, муассисаҳои консулӣ нигоҳ дошта мешавад - ба андозаи яккаратаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо *(Қонуни ҶТ аз 18.06.2008 № 402)*;

23) барои тасдиқ кардани шартномаи аз соҳиби соқиткунии молу мулки ғайриманқул ва дигар молу мулки бақайдгирифташаванда, ки ба воситаи музояда (тендер) фурӯхта мешавад - ба андозаи дукаратаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо *(Қонуни ҶТ аз 18.06.2008 № 402, аз 15.03.2023 № 1964)*;

24) барои ба ҷо овардани номаҳои иҷро - 3% аз нишондиҳанда барои ҳисобҳо *(Қонуни ҶТ аз 18.06.2008 № 402)*;

25) барои додани шаҳодатнома дар бораи дар ҳаёт будани шахс (шаҳрванд) - 20% аз нишондиҳанда барои ҳисобҳо *(Қонуни ҶТ аз 18.06.2008 № 402)*;

26) барои додани шаҳодатнома дар бораи дар ҷойи муайян будани шахс (шаҳрванд) - 20% аз нишондиҳанда барои ҳисобҳо *(Қонуни ҶТ аз 18.06.2008 № 402)*;

27) барои додани шаҳодатнома дар бораи айнияти шахс (шаҳрванд) бо шахси (шаҳрванди) дар сурати фотографи аксёфта - 20% аз нишондиҳанда барои ҳисобҳо *(Қонуни ҶТ аз 18.06.2008 № 402)*;

28) барои тасдиқи вақти додани ҳуҷҷатҳо - 10% аз нишондиҳанда барои ҳисобҳо *(Қонуни ҶТ аз 18.06.2008 № 402)*;

29) барои расонидани муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба дигар шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ - 10% аз нишондиҳанда барои ҳисобҳо *(Қонуни ҶТ аз 18.06.2008 № 402)*;

30) барои қабули маблағ ва коғази қиматнок ба амонат (депозит) - 10% аз нишондиҳанда барои ҳисобҳо *(Қонуни ҶТ аз 18.06.2008 № 402)*;

31) барои таъмини далелҳо - 50% аз нишондиҳанда барои ҳисобҳо *(Қонуни ҶТ аз 18.06.2008 № 402, аз 15.03.2023 № 1964);*

32) барои тасдиқи дигар амалиёт - ба андозаи дукаратаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо (*Қонуни ҶТ аз 15.03.2023 № 1964*).

8. Барои амалиёти нотариалие, ки берун аз бинои идораи нотариали ба ҷо оварда мешавад, боҷи давлатӣ ду баробар зиёд ситонида шуда, инчунин хароҷоти воқеӣ, ки ба сафар ба маҳалли ба ҷо овардани амалиёти нотариалӣ вобаста аст, пардохта мешавад.

9. Аз рӯи шартномаҳои мубодилаи молу мулки ғайриманқуле, ки дар банди 1) қисми шашуми моддаи мазкур пешбинӣ шудаанд, андозаи боҷи давлатӣ аз масоҳати ҳамон молу мулки ғайриманқуле муайян карда мешавад, ки масоҳати умумии он зиёд мебошад. Ҳамзамон, барои ситонидани боҷи давлатӣ меъёрҳое татбиқ карда мешаванд, ки барои маҳалли тасдиқгардидаи шартномаи мубодила муқаррар шудаанд *(Қонуни ҶТ аз 26.03.2009 № 495, аз 15.03.2023 № 1964).*

10. Барои ҳисоб намудани андозаи боҷи давлатӣ ҷиҳати додани шаҳодатномаи ҳуқуқи мерос ба молу мулк, ба истисноӣ молу мулки дар банди 1) қисми шашуми ҳамин модда пешбинишуда, арзиши ҳамин молу мулкро нархгузор муайян мекунад *(Қонуни ҶТ аз 26.03.2009 № 495).*

11. Барои додани шаҳодатнома дар бораи ҳуқуқи мерос ба молу мулк, ки мавзуи онҳо нархгузорӣ карда намешавад - ба андозаи як нишондиҳанда барои ҳисобҳо *(Қонуни ҶТ аз 26.03.2009 № 495, аз 15.03.2023 № 1964).*

12. Ҳангоми тасдиқи аҳдҳо, ки бо асъори хориҷӣ ҳисобу китоб карда мешаванд, ҳамчунин дар ҳолатҳое, ки асъори хориҷӣ мавзуи мерос мебошад, андозаи боҷи давлатӣ аз асъори миллӣ бо қурби муайянкардаи Бонки миллии Тоҷикистон, ки дар рӯзи пардохти боҷи давлатӣ амал мекунад, ҳисоб карда мешавад (*Қонуни ҶТ аз 15.03.2023 № 1964*).

13. Барои анҷом додани амалиёт оид ба бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ ва дигар амалиёт вобаста ба асноди ҳолати шаҳрвандӣ боҷи давлатӣ ба андозаҳои зерин ситонида мешавад (*Қонуни ҶТ аз 15.03.2023 № 1964*):

1) барои бақайдгирии давлатии ақди никоҳе, ки яке аз тарафҳо шаҳрванди хориҷӣ ё шахси бешаҳрванд бошад - ба андозаи панҷкаратаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

2) барои бақайдгирии давлатии бекор кардани ақди никоҳ:

- дар асоси аризаи яке аз ҳамсарон - ба андозаи яккаратаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

- дар асоси аризаи муштараки ҳамсарон - ба андозаи панҷкаратаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

- дар асоси ҳалномаи суд - ба андозаи ҳафткаратаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

3) барои ворид намудани ислоҳот, тағйирот ва иловаҳо ба сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ дар бораи таваллуд, ақди никоҳ, бекор кардани никоҳ ва вафот - ба андозаи яккаратаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

4) барои додани шаҳодатномаи такрории бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ - ба андозаи дукаратаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

5) барои бақайдгирии давлатии иваз намудани насаб, ном ва номи падар - ба андози секаратаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо (*Қонуни ҶТ аз 15.03.2023 № 1964*).

14. Барои баррасӣ ва додани ҳуҷҷатҳои соҳиб шудан ба шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ё баромадан аз шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамчунин рафтан аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ворид шудан ба Ҷумҳурии Тоҷикистон боҷи давлатӣ ба андозаҳои зерин ситонида мешаванд:

1) барои додани шиносномаи хориҷӣ (умумишаҳрвандӣ) ё дароз намудани мӯҳлати эътибори он - ба андозаи якунимкаратаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо *Қонуни ҶТ аз 18.06.2008 № 402)*;

2) барои додани раводид ба шаҳрванди хориҷӣ ва шахси бешаҳрванд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон доимӣ зиндагӣ мекунад, ҷиҳати рафтан аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ё барои дароз намудани мӯҳлати эътибори раводид - ба андозаи яккаратаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо *(Қонуни ҶТ аз 18.06.2008 № 402)*;

3) барои ба қайд гирифтани шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон - 25 % аз нишондиҳанда барои ҳисобҳо *(Қонуни ҶТ аз 18.06.2008 № 402)*;

4) барои додан ва дароз намудани мӯҳлати эътибори раводид бо шиносномаи хориҷӣ ё ҳуҷҷати онро ивазкунанда ба шаҳрванди хориҷӣ ё шахси бешаҳрванд, ки муваққатан ба Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст, барои:

рафтан аз Ҷумҳурии Тоҷикистон - ба андозаи чоркаратаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо *(Қонуни ҶТ аз 18.06.2008 № 402, аз 19.03.2013 № 947)*;

рафтан аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минбаъд омадан ба Ҷумҳурии Тоҷикистон - ба андозаи чоркаратаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо (*Қонуни ҶТ аз 18.06.2008 № 402, аз 19.03.2013 № 947)*;

5) барои додани раводидҳои чандинкаратаи Ҷумҳурии Тоҷикистон - ба андозаи дукаратаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо *(Қонуни ҶТ аз 18.06.2008 № 402)*;

6) барои додани ҳуҷҷат оид ба даъвати шахсон аз дигар давлатҳо ба Ҷумҳурии Тоҷикистон - ба андозаи яккаратаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои ҳар як даъватшаванда *(Қонуни ҶТ аз 18.06.2008 № 402)*;

7) барои ворид намудани тағйиротҳо (ба истиснои дароз намудани мӯҳлати эътибори раводид) ба ҳуҷҷати қаблан додашуда барои рафтан аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ва омадан ба Ҷумҳурии Тоҷикистон - ба андозаи яккаратаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо *(Қонуни ҶТ аз 18.06.2008 № 402)*;

8) барои додан ё дароз намудани мӯҳлати иҷозати зисти шаҳрванди хориҷӣ ё шахси бешаҳрванд - ба андозаи дукаратаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо *(Қонуни ҶТ аз 18.06.2008 № 402)*;

9) барои бақайдгирӣ ё дароз намудани мӯҳлати амали бақайдгирии шиносномаи хориҷӣ ё ҳуҷҷати онро ивазкунанда - ба андозаи яккаратаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо *(Қонуни ҶТ аз 18.06.2008 № 402)*;

10) барои ба ивази шиносномаи хориҷии гумшуда ё вайронгардида, раводид, ҳуҷҷати даъват ба Ҷумҳурии Тоҷикистон, иҷозати зист ё шаҳодатнома барои сафар ба хориҷа додани ҳамин гуна ҳуҷҷат - ба андозаи яккаратаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо *(Қонуни ҶТ аз 18.06.2008 № 402)*;

11) аз ариза ва дархости ба шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шудан, аз нав қабул кардан ба шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва баромадан аз шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин бо аризаҳо оид ба муайян намудани мансубияти шаҳрвандӣ - ба андозаи дукаратаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо *(Қонуни ҶТ аз 18.06.2008 № 402)*.

15. Барои барасмиятдарории дигар амалиётҳои дорои аҳамияти ҳуқуқи боҷи давлатӣ бо андозаҳои зерин ситонида мешавад:

1) барои додани шаҳодатномаи ҳуқуқи шикор ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон - ба андозаи даҳкаратаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо *(Қонуни ҶТ аз 18.06.2008 № 402)*;

2) барои амалиёте, ки дар биржаҳои тиҷоратӣ, ашёи хом, асъор ва биржаҳои дигар анҷом меёбанд(*Қонуни ҶТ аз 12.01.2010 № 586*):

аз ҳаҷми аҳди то 500 ҳазор сомонӣ - 0,5 % аз маблағи аҳд;

аз ҳаҷми аҳди зиёда аз 500 ҳазор сомонӣ то 1 млн. сомонӣ - 0,2 % аз маблағи аҳд;

аз ҳаҷми аҳди зиёда аз 1 млн. сомонӣ - 0,1 % аз маблағи аҳд;

3) барои фурӯхтани ҷойи брокер - 0,5 % аз маблағи воқеии аҳди басташуда;

4) барои муомилоти қоғазҳои қиматнок:

- барои бақайдгирии давлатии барориши коғазҳои қиматноки ғайридавлатӣ - 0,15% аз ҳаҷми барориши мазкур (*Қонуни ҶТ аз 14.05.2016 № 1317*);

барои бастани аҳд - 1 сомонӣ аз ҳар 1 ҳазор сомонии аҳди басташуда;

5) барои гузаронидани музояда - 0,2 % аз нархи ибтидоии умумии ҳаҷми моле, ки ба фурӯш гузошта шудааст;

6) барои аҳдҳое, ки дар музояда анҷом меёбанд - 0,1 % аз нархи аҳди басташуда;

7) барои харидани молу мулки корхонаҳои давлатӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон - 0,5 % аз маблағи молу мулки харидашаванда (*Қонуни ҶТ аз 15.03.2023 № 1964*);

8) барои гузаронидани санҷиши бадеии сарватҳои фарҳангӣ - ба андозаи панҷкаратаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо (*Қонуни ҶТ аз 26.12.2005 № 115, аз 18.06.2008 № 402, аз 12.01.2010 № 586);*

9) барои гузоштани апостил дар ҳуҷҷатҳои расмии мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон 62,5% аз нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои ҳар ҳуҷҷат аз шахсони воқеӣ ва 125% аз нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои ҳар ҳуҷҷат аз шахсони ҳуқуқӣ (*Қонуни ҶТ аз 23.11.2015 № 1247*).

## Моддаи 5. Имтиёзҳои пардохти боҷи давлатӣ

1. Ҳангоми баррасии парвандаҳо дар судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз пардохти боҷи давлатӣ озод карда мешаванд:

1) шаҳрвандон - аз рӯи даъвоҳои ситонидани маош (таъминоти пулӣ) ва дигар талаботе, ки аз муносибатҳои ҳуқуқи меҳнатӣ бармеоянд;

2) даъвогарон - аз рӯи баҳсҳои муаллифӣ, муаллифон тибқи даъвое, ки аз ҳуқуқи ҳаммуаллифӣ, ҳуқуқи ихтироъ, намунаи муфид, намунаҳои саноатӣ, инчунин аз дигар ҳуқуқҳо, ки аз моликияти зеҳнӣ бармеоянд;

3) даъвогарон - аз рӯи даъвои руёнидани алимент;

4) даъвогарон - аз рӯи даъвоҳои ҷуброни зараре, ки дар натиҷаи маъюб шудан ё дигар зарар ба саломатӣ, инчунин фавти саробон расонида шудааст;

5) мақомоти суғуртаи иҷтимоӣ ва мақомоти ҳифзи иҷтимоӣ - аз рӯи даъвоҳои мутақобил (регрессӣ) аз зараррасон ситонидани маблағи кӯмакпулиҳо ва нафақа, ки ба ҷабрдида пардохта шудааст ва мақомоти ҳифзи иҷтимоӣ - инчунин аз рӯи даъвои дар бораи руёнидани кӯмакпулӣ ва нафақаи нодуруст пардохташуда;

6) даъвогарон - аз рӯи даъвоҳои талофи намудани зарари моддии дар натиҷаи ҷиноят расонидашуда;

7) шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ - барои ба онҳо додани ҳуҷҷатҳои вобаста ба парвандаҳои ҷиноятӣ ва парвандаҳо оид ба руёнидани алимент;

8) тарафҳо - аз шикояти кассатсионӣ оид ба парвандаи бекор кардани ақди никоҳ;

9) прокурор, мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва дигар мақомот, ки дар ҳолати пешбининамудаи қонун барои ҳифзи манфиати давлат ва ҷамъият муроҷиат мекунанд;

10) мақомоти корҳои дохилӣ ҳамчун даъвогар - аз рӯи парвандаҳои ситонидани хароҷот доир ба ҷустуҷӯи шахсоне, ки аз пардохти алимент ва дигар пардохтҳо саркашӣ мекунанд, инчунин оид ба парвандаҳои ҷуброни хароҷоти иловагӣ ҷиҳати ба пешгирии фирори гумонбаршудагон ва ё айбдоршавандагон, ки дар маҳбас нигоҳ дошта мешаванд, инчунин кофтукови онҳо ва табобат ҳангоми зарар ба саломатии худ;

11) муассисаҳо ва мақомоти иҷрои ҷазои ҷиноятӣ - аз рӯи даъвоҳои ҷуброни хароҷоти иловагӣ вобаста ба пешгирии фирори гумонбаршудагон ё айбдоршавандагони дар ҳабс буда, ҳамчунин ҷустуҷӯи шахсони ба маҳдудияти озодӣ, ҳабс ё маҳрум кардан аз озодӣ маҳкумшуда ва табобати онҳо дар ҳолати қасдан расондани зарар ба саломатии худ;

12) мақомоти андоз, гумрук ва молия, Агентии давлатии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа ва мақомоти назорати асъор ва содирот ҳамчун даъвогарону ҷавобгароназ рӯи даъвоҳои ситонидани андозҳо, рӯёнидани кредитҳои давлатӣ ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет ва баргардонидани онҳо аз буҷет (*Қонуни ҶТ аз 22.12.2006 № 217, аз 12.01.2010 № 584*);

13) мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва дигар мақомоте, ки дар ҳолати пешбининамудаи қонун барои ҳифзи манфиатҳои давлатию ҷамъиятӣ муроҷиат мекунанд, инчунин шахсони ҳуқуқӣ ва шаҳрвандон, ки дар ҳолати пешбининамудаи қонун барои ҳимояи ҳуқуқҳои ҳифзкунандаи қонун ва манфиатҳои шахсони дигар муроҷиат мекунанд - дар сурати қонеъ гардонидани даъвои онҳо;

14) шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ - ҳангоми ба суд додани ариза дар мавриди батаъхирандозӣ ё дароз намудани мӯҳлати иҷрои қарорҳо оид ба тағйирёбии тарз ва тартиби иҷрои қарорҳо, барқарорсозии мӯҳлатҳои гузашта, аз нав баррасӣ намудани қарорҳо, таъинот ва қарори суд оид ба ҳолатҳои нав ошкоршуда, дар хусуси аз нав баррасӣ намудани қарори ғоибонаи суде, ки онро баровардааст;

15) шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ - ҳангоми шикоятҳо ба амалҳои иҷрокунандаи судӣ, инчунин шикоятҳо нисбати қарорҳо ба парвандаҳо доир ба ҳуқуқвайронкунии маъмурии аз ҷониби мақомоти ваколатдор баровардашуда;

16) шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ - ҳангоми додани шикоятҳои хусусӣ нисбат ба таъиноти суд, аз ҷумла оид ба таъмини даъво ё иваз намудани як навъи таъминот ба таъминоти дигар, оид ба қатъ ё боздоштани парвандаҳо, оид ба рад кардани зиёд ё кам намудани ҳаҷми ҷаримае, ки суд таъин намудааст;

17) шаҳрвандон - аз рӯи шикоятҳои кассатсионӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятие, ки дурустии ситонидани зарари моддӣ дар натиҷаи ҷиноят расонидашуда мавриди баҳс қарор гирифтааст;

18) шаҳрвандон - ҳангоми тасдиқи дурустии нусхаҳои ҳуҷҷатҳое, ки барои гирифтани ёрдампулиҳо ва нафақаҳои давлатӣ заруранд (*Қонуни ҶТ аз 23.11.2015 № 1248*).

19) маъюбон, иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва шахсони ба онҳо баробаркардашуда - аз рӯи даъвоҳои барқароркунии ҳуқуқҳояшон (*Қонуни ҶТ аз 26.12.2005 № 115*);

20) шаҳрвандон - ҳангоми ба суд пешниҳод намудани ариза оид ба фарзандхондӣ (*Қонуни ҶТ аз 23.11.2015 № 1248*);

21) Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон - аз рӯи даъвоҳои ситонидани ҳаққи узвият, пардохтҳои тақвимӣ ва ноустуворона аз ташкилотҳои қарзии аъзои Хазина (*Қонуни ҶТ аз 04.04.2019 № 1603, аз 15.03.2023 № 1963*).

2. Ҳангоми баррасии парвандаҳо дар судҳои иқтисодӣ аз пардохти боҷи давлатӣ озод карда мешаванд:

1) прокурор, мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва дигар мақомоте, ки дар ҳолати пешбининамудаи қонун барои ҳифзи манфиати давлатӣ ва ҷамъиятӣ муроҷиат мекунанд;

2) мақомоти молия, мақомоти андоз, гумрук, Агентии давлатии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа ва мақомоти назорати асъор ва содирот, ки ба сифати даъвогару ҷавобгар баромад мекунанд - аз рӯи даъвоҳои ситонидани андозҳо, рӯёнидани кредитҳои давлатӣ ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷети дахлдор ва баргардонидани онҳо аз буҷети дахлдор, ба истиснои ҳолатҳое, ки мақомоти мазкур тарафе мебошанд, ки пештар ба фоидаи онҳо қарор бароварда нашудааст (*Қонуни ҶТ аз 22.12.2006 № 217*, *аз 12.01.2010 № 584*);

3) Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон - аз рӯи даъвоҳои ситонидани ҳаққи узвият, пардохтҳои тақвимӣ ва ноустуворона аз ташкилотҳои қарзии аъзои Хазина (*Қонуни ҶТ аз 04.04.2019 № 1603, аз 15.03.2023 № 1963*).

3. Аз пардохти боҷи давлатӣ дар мақомоте, ки амалҳои нотариалиро иҷро мекунанд, озод карда мешаванд:

1) мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва дигар мақомоте, ки дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун - барои анҷом додани амали нотариалӣ барои ҳифзи манфиатҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ муроҷиат намудаанд;

2) шаҳрвандон - ҳангоми тасдиқи дурустии нусхаи ҳуҷҷатҳо, аслӣ будани имзоҳо дар ҳуҷҷатҳо, барои тасдиқи ваколатномаҳо, ки барои гирифтани нафақа ва кӯмакпулӣ, пешниҳоди имтиёзҳо заруранд, ҳамчунин оид ба парвандаҳои васоят ва фарзандхондӣ (*Қонуни ҶТ аз 23.11.2015 № 1248*);

3) шаҳрвандон - барои тасдиқи васиятнома ва шартномаҳои тӯҳфаи молу мулк ба фоидаи давлат (*Қонуни ҶТ аз 15.03.2023 № 1964*);

4) ворисони то рӯзи меросгирӣ ба балоғат нарасида, инчунин шахсони гирифтори бемориҳои рӯҳи, ки бо тартиби пешбининамудаи қонунгузорӣ ба онҳо васоят муқаррар гардидааст, ҳангоми гирифтани шаҳодатномаи ҳуқуқи меросгирӣ дар тамоми ҳолатҳо сарфи назар аз навъи молу мулки меросӣ (*Қонуни ҶТ аз 15.03.2023 № 1964*);

5) мақомоти молия, андоз ва гумрук барои додани шаҳодатнома дар бораи ҳуқуқи давлат ба мерос (*Қонуни ҶТ аз 12.01.2010 № 584*).

6) меросхӯроне, ки то рӯзи кушода шудани мерос дар манзили истиқоматии меросӣ бо меросгузор якҷоя истиқомат мекарданд ва то рӯзи вафоти меросгузор дар манзили истиқоматии меросӣ қайди истиқомат доранд (*Қонуни ҶТ аз 12.01.2010 № 586*).

4. Дар мақомоти бақайдгирии асноди ҳолати шаҳрвандӣ аз пардохти боҷи давлатӣ озод карда мешаванд (*Қонуни ҶТ аз 15.03.2023 № 1964*):

1) мақомоти маориф, васоят ва парасторӣ, комиссия оид ба ҳуқуқи кӯдак - барои додани шаҳодатномаҳои такрории таваллуд дар хусуси фиристодани кӯдакони ятим ва кӯдакони аз парастории падару модар маҳрумгардида ба мақомоту муассисаҳои давлатӣ, ки ухдадории ҳимояи ҳуқуқи кӯдакон ба зиммаашон гузошта шудааст;

2) шаҳрвандон - барои ба онҳо додани шаҳодатномаҳои такрорӣ оид ба фавти хешовандони сафедкардашуда (*Қонуни ҶТ аз 15.03.2023 № 1964*).

5. Аз парвандаҳои вобаста ба хориҷ шудан аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ворид шудан ба Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои додани шиносномаҳои дипломатӣ, хизматӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои ба хориҷа сафар намудан шахсони зерин аз пардохти боҷи давлатӣ озод карда мешаванд:

1) шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон - барои додани шиносномаҳои дипломатӣ ва хизматӣ;

2) шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон - барои ба онҳо додани ҳуҷҷатҳои ба хориҷа сафар намудан, агар сафари онҳо ба марг ё зиёрати қабри хешовандони наздик вобаста бошад, инчунин барои додани ҳуҷҷатҳои ба Ҷумҳурии Тоҷикистон даъват намудани шахсони дар дигар мамлакатҳо истиқоматкунанда, вобаста ба марг ё бемории вазнини хешовандони наздик;

3) хориҷиёне, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба онҳо паноҳгоҳи сиёсӣ додааст ва шахсони ба онҳо баробаркардашуда, аъзои оилаи онҳо ва фарзандони онҳо - барои ба онҳо додани ҳуҷҷатҳои сафар ба хориҷа;

4) шаҳрвандони хориҷии муваққатан ба Ҷумҳурии Тоҷикистон омада барои додан ва дароз намудани гувоҳномаи иқомат, бақайдгирӣ ва дароз намудани мӯҳлати бақайдгирии шиносномаҳои хориҷӣ ё ҳуҷҷатҳои

ивазкунандаи онҳо, инчунин барои додани ҳуҷҷатҳо оид ба даъвати дигар шахсон аз дигар мамлакатҳо бо шартҳои мутақобил;

5) шахсони ба синни шонздаҳсолагӣ нарасида - барои ба онҳо додани ҳуҷҷатҳои сафар ба хориҷа;

6) сайёҳони хориҷӣ - барои бақайдгирии шиносномаҳои хориҷӣ.

6. Аз пардохти боҷи давлатӣ барои бақайдгирии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҳали истиқоматии онҳо, инчунин барои бақайдгирии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, ки бо гувоҳномаи иқомат дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқомат мекунанд, инҳо озод карда мешаванд (*Қонуни ҶТ аз 15.03.2023 № 1964*):

1) шахсоне, ки дар хона-интернатҳо барои кӯҳансолон ва маъюбон зиндагӣ мекунанд;

2) хонандагони муассисаҳои таълимии барои кӯдакони ятим ва кӯдакони аз парастории падару модар маҳрумгашта ва муассисаҳои маълумоти касбӣ - техникии ибтидоии дар таъминоти пурраи давлатӣ буда ва дар хобгоҳҳо зиндагикунанда.

7. Барои барасмиятдарории дигар амалиётҳои дорои аҳамияти ҳуқуқӣ аз пардохти боҷи давлатӣ озод карда мешаванд:

1) мақомоти ваколатдор - аз рӯи даъвоҳо оид ба ситонидани зарари ба давлат расонидашуда аз ифлос намудани муҳити зист ва ғайриоқилона истифода намудани захираҳои табиӣ;

2) даъвогарон - мақомоти андоз, гумрук, Агентии давлатии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа - аз рӯи даъвоҳо дар хусуси ба буҷет ситонидани маблағҳое, ки аз ҷониби корхонаю ташкилотҳо бо аҳдномаҳои ғайриқонунӣ гирифта шудааанд, оид ба ситонидани андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ, ки сари вақт аз тарафи шаҳрвандон супорида нашудаанд, оид ба барҳам додани корхона, ё манъ кардани машғулияти фаъолияти соҳибкорӣ (*Қонуни ҶТ аз 12.01.2010 № 584*);

3) мақомоти ваколатдор - аз рӯи даъвоҳои беэътибор донистан ва бекор намудани аҳдномаҳо ва ситонидани маблағҳои вобаста ба хусусигардонӣ.

4) мақомоти ваколатдор - аз рӯи даъво оид ба вайронкунии қонунгузории замин;

5) осорхонаҳо, бойгониҳо, китобхонаҳо, хазинаҳо ва дигар маҳфузгоҳҳои давлатии сарватҳои фарҳангӣ, ки дар ҳолати муваққатан ба намоишгоҳҳо баровардани сарватҳои фарҳангие, ки дар ҳифзи доимии онҳо мебошанд;

6) ансамблҳои давлатии мусиқӣ, мутрибону навозандагон барои соз ва воситаҳои техникие, ки муваққатан барои гастрол бароварда мешавад.

8. Дар ҳолатҳои бо ташаббуси давлат ҷорӣ гардидани азнавбақайдгирии умумии шахсони ҳуқуқӣ ё ба Оинномаи (Низомномаи) онҳо ворид намудани тағйироту иловаҳои барои тамоми шахсони ҳуқуқӣ ҳатмӣ шахсони ҳуқуқӣ аз пардохти боҷи давлатӣ озод мебошанд.

9. Барои анҷом додани амалҳои бақайдгирии давлатӣ дар мақомоти андоз боҷи давлатӣ ситонида намешавад (*Қонуни ҶТ аз 02.01.2020 № 1680*).

## Моддаи 6. Тартиби пардохт ва баргардонидани боҷи давлатӣ

1. Боҷи давлатӣ бо асъори миллӣ дар бонкҳо (филиалҳои онҳо), ҳамчунин тавассути интиқоли маблағҳои боҷи давлатӣ аз ҳисоби боҷсупоранда ба воситаи бонкҳо (филиалҳои онҳо) пардохта мешавад. Қабули боҷи давлатӣ аз ҷониби бонкҳо (филиалҳои онҳо) дар ҳамаи ҳолатҳо бо додани шакли муқарраргардидаи квитансия амалӣ мегардад.

2. Боҷи давлатӣ пардохта мешавад:

1) аз рӯи парвандаҳое, ки аз тарафи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ мегарданд - то пешниҳод намудани аризаи дахлдор (шикоятҳои кассатсионӣ ё назоратӣ), ҳамчунин ҳангоми аз тарафи судяҳо додани нусхаҳои ҳуҷҷатҳо (*Қонуни ҶТ аз 28.12.2012 № 905*);

2) барои анҷом додани амалиётҳои дорои аҳамияти ҳуқуқӣ дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти он (*Қонуни ҶТ аз 12.01.2010 № 586, аз 02.01.2020 № 1680)*;

3) барои иҷрои амалиётҳои нотариалӣ - ҳангоми иҷрои амалиётҳои нотариалӣ, барои додани нусхаҳои ҳуҷҷатҳо бошад - ҳангоми супоридани онҳо;

4) барои сабти давлатии санадҳои ҳолати шаҳрвандӣ оид ба ворид намудани ислоҳу тағйирот дар сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ - ҳангоми додани аризаҳои дахлдор;

5) барои додани шаҳодатномаи такрорӣ ва гувоҳномаҳангоми додани онҳо;

6) барои сабти давлатии бекоркунии ақди никоҳ аз рӯи ризоияти дутарафаи ҳамсарон, ки фарзандони ноболиғи умумӣ надоранд - ҳангоми сабти санад;

7) барои қайди шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи гувоҳномаи иқомат истиқомат доранд - то супоридани ҳуҷҷатҳои дахлдор (*Қонуни ҶТ аз 15.03.2023 № 1964*);

8) барои додани шаҳодатномаи ҳуқуқ ба шикор ва шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии соҳибкори инфиродӣ - то супоридани ҳуҷҷатҳои дахлдор;

9) аз рӯи парвандаҳое, ки бо соҳиб шудан ба шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё баромадан аз шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин хориҷ шудан аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ва воридшавӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста аст - то гирифтани ҳуҷҷатҳои дахлдор;

10) аз рӯи амалиётҳое, ки дар биржаҳо бо қоғазҳои қимматнок, ҳангоми харидани молу мулки корхонаҳои давлатӣ доир мегарданд - ҳангоми иҷро (*Қонуни ҶТ аз 15.03.2023 № 1964*);

11) барои гузаронидани музояда ва гузаронидани экспертизаи сарватҳои фарҳангӣ - то гузаронидани он.

3. Боҷи давлатӣ пурра ба Буҷети давлатӣ ворид карда мешавад. Дастурамал оид ба ҳисоб ва пардохти боҷи давлатӣ, инчунин шаклҳои ҳисоботи мақомоте, ки боҷи давлатиро меситонанд, аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар мувофиқа бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешаванд (*Қонуни ҶТ аз 19.03.2013 № 947*).

4. Боҷи давлатии пардохташуда дар ҳолатҳои зерин қисман ё пурра баргардонида мешавад:

1) ба андозаи зиёд ворид намудани боҷи давлатӣ назар ба андозае, ки Қонуни мазкур муқаррар намудааст;

2) баргардонидан ё рад намудани қабули аризаҳо, шикоятҳо ва ё муроҷиати дигар аз ҷониби судҳо, ҳамчунин рад намудани иҷрои амалиётҳои нотариалӣ - аз ҷониби мақомоти ваколатдор;

3) дар ҳолати рад кардани иҷрои амалиёти дорои аҳамияти ҳуқуқӣ ё гирифтани ҳуҷҷат аз ҷониби шахси боҷи давлатиро пардохта - то муроҷиат ба мақомоте, ки амалиёти дорои аҳамияти ҳуқуқии мазкурро иҷро менамояд.

4) рад кардани додани шиносномаи хориҷӣ (умумишаҳрвандӣ).

5. Агар барои анҷом додани амалиёти дорои аҳамияти ҳуқуқӣ ё додани ҳуҷҷат якбора якчанд шахс, ки ҳуқуқи имтиёз надоранд, муроҷиат намоянд боҷи давлатӣ дар ҳаҷми пурра ва саҳмҳои баробари онҳо бо мувофиқаи тарафҳо супорида мешавад. Дар ҳолате, ки агар дар байни шахсони барои анҷом додани амалиётҳои дорои аҳамияти ҳуқуқӣ ё барои додани ҳуҷҷатҳо муроҷиаткунанда як шахс (якчанд шахс) мутобиқи қонуни мазкур аз пардохти боҷи давлатӣ озод бошад (озод бошанд), пас ҳаҷми боҷи давлатии ба буҷети дахлдор пардохтшаванда мутаносибан барои шахсони ба имтиёз ҳуқуқдошта кам карда мешавад ва дар ин ҳолат боҷи давлатиро як шахс (якчанд шахс), ки ҳуқуқ ба имтиёз надорад (надоранд), мепардозад (мепардозанд).

6. Боҷи давлатии ба буҷети давлатӣ пардохташуда дар асоси қарори мақомоти молия, мувофиқи аризаи хаттии боҷсупоранда ва хулосаи мақомоти барои ситонидани боҷ ваколатдор баргардонида мешавад.

7. Боҷи давлатие, ки баргардонида мешавад, бояд ба шахси ҳуқуқӣ ё воқеӣ дар муддати даҳ рӯз аз рӯзи қабули қарор дар бораи баргардонидани он аз ҷониби мақомоти дахлдори молиявӣ дода шавад.

## Моддаи 7. Чораҳои ҷавобгарӣ барои супорандагони боҷи давлатӣ ва назорат оиди дуруст ҳисоб кардани он

Супорандагони боҷи давлатӣ ва мақомоти ваколатдоре, ки боҷи давлатиро меситонанд, барои нодуруст ҳисоб кардан ва ба буҷет нагузаронидани маблағҳои боҷи давлатӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

## Моддаи 8. Дар бораи аз эътибор соқит донистани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи боҷи давлатӣ"

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 январи соли 1992 "Дар бораи боҷи давлатӣ" (Ахбори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.1992, №2, м.26; с.1993, №9-10, м.138; с.1993, №23-24, м.532, Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.1997, №9, м.117; с.1997, №23-24, м.333; с. 2002, №4 қ.1, м.182; с. 2003, №4, м.147) аз эътибор соқит дониста шавад.

## Моддаи 9. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмонов

аз 28 феврали соли 2004, № 19

ш. Душанбе